# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сафаров Холмад Хоркашович дар мавзӯи « Таърих ва фарҳанги Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.07 – мардумшиносӣ, этнология ва антропология (илмҳои таърих)**

Сарчашмаҳои хаттии охири асри миёнагӣ аз ҷумла асри XIX инъикосгари таърих ва фарҳанги ҳар халқу миллат мебошанд. Аммо то имрӯз бисёр паҳлӯҳои таърихии мардумшиносии таърихи халқи тоҷик норавшан боқӣ мондаанд.

Мавзӯи таҳқиқотии Сафаров Холмад Хоркашович, ки ба омӯзиши **« Таърих ва фарҳанги Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX»** бахшида шудааст, интихоби чунин мавзӯъ аз аҳамияти илмӣ бархурдор буда, қобили дастгирист.

Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф тавонистааст мубрам будани мавзӯи таҳқиқотӣ, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқотро аз нуқтаи назари илмӣ асоснок намояд, сарчашма ва асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро, ки ба таърих ва фарҳанги халқи тоҷик, аз ҷумла тоҷикони Бадахшони Афғонистон, ки дар қисми шимолии он халқиятҳои зиёде чун роғиҳо, ҳайтолиҳо, шаҳри бузургиҳо ва амсоли инҳо зиндагӣ доранд, инъикос ёфтаанд, баррасӣ намояд. Асоси методологии таҳқиқотро муайян карда, сарчашмаҳои вобаста ба мавзӯи таҳқиқотиро аз худ намуда, онро тафсир ва баҳои илмӣ диҳад.

Муаллиф дар асоси таҳлили сарчашмаҳои хаттӣ, асарҳои таҳқиқотии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, масоили асосии мавзӯи таҳқиқотиро муайян намудааст.

Дар боби авали диссертатсия муаллиф «Ҷуғрофияи таърихӣ ва сохтори маъмурии Роғ дар асри XV ва ибтидои асри XX»-ро ба риштаи таҳқиқ кашида, ҳатто муайян сохтааст, ки сарзамини Роғ макони пайдоиши дини Зардуштӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, дар ин боб шароити табиӣ, кӯҳҳо, дарёҳо ва миқдори деҳаҳоро бо шумораи аҳолӣ

баррасӣ намудааст. Ҳиҷрати аҳолии ноҳияи Роғ ба қисмати Бухорои Шарқӣ, аз ҷумла ба Дашти Терай ва Дашти Ҷум мавқеи махсус дорад.

Дар автореферат боби дуюми диссертатсия низ шарҳ ёфта, ба маданияти кишоварзии ноҳияи Роғ, ки ба анъанаҳои кишоварзӣ дар шароити кӯҳистон вобаста буд, бахшида шудааст.Муаллиф машғулиятҳои асосии мардуми Роғро, ки чорводорӣ, зироаткорӣ, боғдорӣ ва обчакорӣ ба ҳисоб мерафтанд, намудҳои кишти ғалладона, полезиҳо, ки дар зиндагии аҳолӣ мавқеи асосӣ доштанд, нишон додааст.

Дар боби сеюми автореферат, ки «Ҳунармандӣ ва тиҷорат» номгузорӣ шудааст, муаллиф 50 намуди ҳунармандиро хотирнишон сохта, онҳоро ба 4 намуд: бофандагӣ, кулолгарӣ, оҳангарӣ ва дуредгарӣ тақсимбандӣ кардааст. Тиҷорат низ, ки дар ин боб баррасӣ шудааст, маҳсулотҳои ҳунармандӣ, кулолгарӣ, ғалла, зағир, қурут, пашм, муинаро ба ноҳияҳои гирду атроф - Файзобод, Яфтал,Шаҳри Бузург, Ёвон бурда савдо ё ба дигар маҳсулотҳо иваз мекарданд, ки ин барои баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамуд.

Дар боби чорум, ки ба хурокҳои анъанавии  Роғ бахшида шудааст, муайян шудааст, ки маъмултарин ва серистеъмолтарин ғизо нони гандумӣ буда, кадбонуҳо 15 намуди онро тайёр мекарданд, аз ҷумла: чапотӣ, нони ғафсак, чанд намуди фатир, кулча, товагӣ, қалама ва амсоли инҳо. Дар хӯрокҳои тоҷикони ноҳияи Роғ шаклҳо ва дигаргуниҳои иҷтимоӣ, ҷузъиёт дида мешавад. Хӯрокҳоро ба чунин намудҳо ҷудо намудааст: хамирӣ, донагӣ, ширӣ, ғизоҳои равғанӣ ва гӯштӣ. Ҳар як намуди хӯрок вобаста ба фаслҳои сол, ҷашнҳои мавсимӣ ва тӯю хурсандиҳо тайёр карда мешавад, ки муаллиф 40 намуди онро овардааст.

Дар боби панҷум муаллиф «Анъана ва маросимҳои милли»-ро ба ду зербоб тақсимбандӣ кардааст, ки ҷашну маросимҳоро ба фаслҳои сол: бориши барфи аввал (барфӣ), фарорасии соли нав ва баҳор (Наврӯзӣ, гулгардонӣ), хостани борон (ашаглон), таваллуди кӯдак (гаҳворабандон), хатнатӯй ва то тӯй арӯсӣ таҳқиқ ва баррасӣ карда

шудааст. Аз ҷумла тӯйи арӯсӣ роғиён дар ибтидои асри ХХ 16 марҳиларо дар бар мегирифтааст.

Варзиш бошад дар зиндагии мардуми Роғ мавқеи муҳим доштааст. Бозиҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намудааст: бозиҳои шавқовар ва варзишӣ, ба бозиҳои шавқовар бештар кӯдакон, ба бозиҳои варзишӣ наврасон ва калонсолон машғул мешуданд, ки ин воситаи солим нигоҳ доштани тан ва рӯҳ ба ҳисоб мерафт.

Муҳтавои автореферати диссертатсияи Сафаров Холмад Хоркашович аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертатсияи муаллиф дорои пояи илмӣ, гузориши мантиқии масъалаҳои омӯзиш, мувофиқати номгузории бобҳо ва зербобҳо бо матн, асоснок будани хулосаҳои диссертант мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Сафаров Холмад Хоркашович «Маданияти анъанавии мардуми Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX», ки мазмуни он дар автореферат инъикос ёфтааст, дар сатҳи хуби илмӣ навишта шудааст, ба талаботҳои КОА назди дастгоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори унвони номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.07 – мардумшиносӣ, этнология ва антропология (илмҳои таърих) мебошад.

Ходими пешбари илмии шуъбаи
этнология ва антропологияи
Институти таърих, бостоншиносӣ ва
Мардумшиносии АМИТ,
номзади илмҳои таърих: Шовалиева М.

«Имзои Шовалиева М.С.-ро тасдиқ мекунам»
Нозири калони ШК Институт: Файзуллоева Г.

02.06.2022

Суроға: 734025. ҶТ.ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33